# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар мавзӯи “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Масъалаи истифодаи технологияҳо инноватсионии таълим дар инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон яке аз муаммоҳои бунёдии мактаби муосир мебошад. Дар шароити имрӯзаи соҳаи таҳсилот асоснок намудани механизми ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим махсусан муҳим аст. Эътибор ва таваҷҷӯҳи муҳим ба масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли наврас ба тамоми самтҳои фаъолияти давлатӣ хос аст.

Диссертатсияи Худойназаров М.А. дар мавзӯи “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз муҳимтарин таҳқиқотҳо ба шумор рафта, ҷанбаҳои назарию амалии шароитҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим баҳри рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян ва тариқи таҷриба амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим санҷида, таъминоти методии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаву феҳристи адабиёт таркиб ёфта, муаллиф барои исботи натиҷаҳои ба дастоварда аз ҷадвалу диаграммаҳо истифода намудааст. Дар муқаддима муҳимияти масъалаи мавриди таҳқиқ қарорёфта, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, методологияи таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ арзёбӣ гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия, ки «Асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ" унвон гирифтааст, моҳият ва мундариҷаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуда, асосҳои назариявӣ ва хусусиятҳои инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳлил шудаанд, ҳамчунин сохтори мундариҷавии амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон баррасӣ гардида, хулосаҳо бароварда шудааст.

Дар таҳқиқи муаммои мазкур, асосҳои педагогии технологияҳои инноватсионии таълим ва мундариҷаи инкишофи ҷаҳонбинии хонандагон тариқи азхудкунии донишҳо дар назар дошта шудааст. Технологияи инноватсионӣ дар қаринаи таҳқиқоти мазкур ҳамчун раванди ба ташкили фаъолияти маърифатӣ ворид намудани воситаҳои нави таълим бо мақсади баланд бардоштани сифати донишҳои хонандагон тавсиф дода шудаанд.

Дар диссертатсияи Худойназаров М.А. таҳқиқи технологияе пешниҳод гардидааст, ки дар раванди таълим истифода мешавад. Аз ин мавқеъ ба мафҳуми инноватсия таваҷҷуҳ зоҳир гардида, истилоҳи «технологияи иннотватсионӣ» дар соҳаи таҳсилот васеъ маънидод ва аз ҷиҳати назариявӣ таҳқиқ гардида, ҷиҳатҳои хоси он муайян карда шудаанд. Дар заминаи назарияи мазкур, амсилаи технологияҳои инноватсионӣ оид ба инкишофи ҷаҳонбинии илмӣ сохта шудааст. Перомуни ин масъала муаллиф ба хулосаи дуруст омадааст, ки асосҳои педагогии муайяншудаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим ба омӯзгорон ёрӣ мерасонанд, ки дар технологияҳо дақиқтар сарфаҳм раванд, технологияҳоеро, ки ба ин ё он парадигма мансубанд, ба тартиб дароварда, муқоиса кунанд. Зимни муқоиса ва мураттаб сохтани маълумоти бадастомада оид ба технологияҳо тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии хонандагонро тавсиф намуда, ба ин

васила самти амалии рушди онҳоро муайян метавон кард. Ин натиҷагирии муаллиф шаҳодат медиҳад, ки перомуни масъалаҳои баррасишаванда омӯзишу таҳқиқ дар сатҳи муносиби илмӣ ҷараён гирифтааст.

Дар боби дуввуми диссертатсия, ки "Технологияи педагогии инкишофи ҷаҳонбинии хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионӣ" номгузорӣ шудааст, муаллиф шароит ва имкониятҳои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимро роҷеъ ба ташаккули ҷаҳонбинии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар боби мазкур натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ пешниҳод гардидааст, ки дар он таҳлили коркард ва истифодаи китоби дарсии электронӣ ҳамчун воситаи самарабахши технологияҳои иттилоотӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон амалӣ гардида, ҷанбаи мундариҷавии истифодаи босамари амсилаи графикӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии хонандагон муайян карда шудааст, самаранокии мундариҷаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим баҳо дода, хулосаҳои дахлдор бароварда шудаанд.

Дар маҷмӯъ, аз мутолиаи фишурдаи рисола метавон чунин натиҷагузорӣ намуд, ки муаллиф муҳимтарин масъалаҳои таҳсилоти муосир, истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимро ҷиҳати рушди ҷаҳонбинии хонандагон ба миён гузошта, мавриди ҳаллу баррасӣ қарор додааст. Навгониҳои диссертатсия дар пешниҳодод ва тавсияҳои муаллиф ба таври мукаммал арзёбӣ шуда, барои омӯзиши мавзӯъю масъалаҳои мубрами илми педагогика ба хусус, корбасти методҳои самарабахши тадрис ва омӯзиш дар инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муассир хоҳад гузошт. Хулосаҳои илмии муаллиф барои рӯи кор омадани таҳқиқотҳои минбаъда дар самти масъалаҳои

рушди ҷаҳонбинии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионӣ аҳамияти махсус доранд.

Ҷанбаҳои илмии диссертатсия низ назаррас буда, натиҷаҳои бадастомада, маҳсули омӯзишу муқоиса ва озмоишу ҷустуҷӯҳои муаллиф буда, тавассуди методу усулҳои таҳқиқотии таҳлилу синтез, лоиҳакашию амсиласозӣ, таҷрибаю озмоишҳои педагогӣ, баҳодиҳии рейтингӣ, дараҷабандӣ, ҷадвалсозию коркарди математикӣ ва ғайра баррасӣ шудаанд. Илова бар ин, дар диссертатсия мундариҷа ва методҳои самарабахши технологияи инноватсионӣ роҷеъ ба инкишофи ҷаҳонбинии илмии хонандагон коркард шуданд, ки корбариро на танҳо бо хонандагон, балки бо омӯзгорони фаннӣ низ пешбинӣ менамояд.

Автореферати диссертатсияи Худойназаров Меҳрожиддин Ашӯрович дар мавзӯи "Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" тибқи талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст ва муллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда аст.

Муовини ректор оид ба корҳои
тарбияи Донишкадаи кӯҳию металлургии
Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Аминҷонова М.С.

Имзои М. Аминҷонова - ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишкадаи кӯҳию
металлургии Тоҷикистон Сулейманова Н.А.